**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгои миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ: масоили иҷро ва адои он», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

1. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки инсонпарварона гардонидани сиёсати ҷиноятӣ ва татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таҳияи чораҳои алтернативии таъсир ба маҳкумшудагон доираи ҷазоҳои ҷиноятиро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мусоидат намуд.

Дар робита ба ин, истифодаи чунин чораҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, вазифаи муҳимтарини сиёсати ҷиноятии қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон гардидааст. Пеш аз ҳама, таъмини фаъолияти муқаррарии ҷомеа аз ин вобаста аст. Вокуниши давлат ба ҷиноят бояд аз як тараф ногузир ва аз тарафи дигар мақсаднок, сарфакор бошад, набояд ба репрессияи аз ҳад зиёди ҷиноятӣ, маҳдудияти беасоси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон оварда расонад.

Корҳои ислоҳӣ, ки дар тӯли мавҷудияти давлати сотсиалистӣ дар амалияи судӣ истифода мешуданд, худро ҳамчун намуди самараноки ҷазо нишон доданд. Аммо, ин намуди ҷазоро дар айни замон самаракноктар гуфтан ғариимкон мебошад. Зеро корҳои ислоҳӣ фоизи кам таъин мегарданд ва дар солҳои охир 5-6% шумораи ҳамаи маҳкумшудагон аз ҷониби судҳо маҳкум мегарданд ва ин сарфи назар аз он, ки онҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷазои маъмултарин буданд ва ҳастанд.

Ба таҳқиқи институти корҳои ислоҳӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷинотӣ диққат махсус додаанд, аммо аксари муаллифон дар шароити ҷомеаи сотсиалистӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, вақте ки

шартҳо ва қонунҳои дигар буданд. Дар айни замон ҳама чиз ба куллӣ тағйир ёфтааст. Инчунин аввалин таҳқиқоти илмӣ вобаста ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, зарурати таҳқиқи мушкилоти таъин ва иҷрои корҳои ислоҳӣ, таҳияи асосҳои назариявии иҷрои корҳои ислоҳӣ, муайян кардани моҳият ва мундариҷаи онҳо ва муайян кардани имконияти истифодаи корҳои ислоҳӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ ба миён омадааст.

Дар партави гуфтаҳои боло, ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили амиқи монографии корҳои ислоҳӣ ҳамчун як намуди ҷазо дар заминаи мушкилоти таъин ва иҷрои он, роҳҳои имконпазири такмили қонунгузорӣ ва дигар меъёрию ҳуқуқӣ иборат аст. Танзими истифодаи корҳои ислоҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ мебошад.

Мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити муосири рушди низоми ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7

январи соли 2022, тахти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқгардидааст, мутобиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Н.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Нодирзода Н.М., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад. Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноӣ: масоили иҷро ва адои он», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

– Абдурашидзода Азиз Абдумансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси камиссия,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азиззода У.А.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Қудратов Н.А.

н.и.ҳ., дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — Шарипов С.С

имзои Азиззода У.А. ва Шарипов С.С.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

Имзои Қудратов Н.А.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.